## ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 21.02. 2019** **ш. Душанбе**

Баромади Бобоҷонова Мутриба Султоновна дар мавзӯи "Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси илмии 10.01.10 – Журналистика, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ — доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR – и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славяни) Россия ва Тоҷикистон Муллоев Шариф Боқиевич, номзади илмҳои филология, муовини сармуҳаррири рӯзномаи "Баҳори Аҷам" Раҳимҷонов Хушдилҷон Умаркулович, муқарризони ғайрирасмӣ – профессор Мушаррафа Ҷӯраева, н.и.ф. Сурайё Ҳакимова ва Бахтиёр Ҳамдамов шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Бобоҷонова Мутриба Султоновна

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна дар мавзӯи «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори

Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Бобоҷонова Мутриба Султоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои филология дода шавад.

4. Аз Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Бобоҷонова Мутриба Султоновна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ. М.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филология, дотсент Гулназарова Ж. Б.